# МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ
## САРРАЁСАТИ МЕЪМОРӢ ВА ШАҲРСОЗӢ

734018, Душанбе, Н. Карабоев, 48 тел: (+99237) 233-05-07e-mail:dushanbememori1@gmail.com

№19/11-722 аз «27» 03 соли 2025

Ба Фармоишгар
ҶДММ “Тропикант инвест”

суроғаи иншоот: гузаргоҳи 1-уми кӯчаи
М.Турсунзода №3/1

Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе тибқи иҷрои дастури Раиси шаҳри Душанбе, ки зимни боздиди намоишгоҳи масолеҳҳои сохтмонӣ дар мавзеи сохтмони маҷмааи шаҳраки олимақом дар маҳаллаи Ҳабиб Аҳрории шаҳри Душанбе аз 14 марти соли 2025 баён доштанд, бо мақсади ба талаботи замонавӣ мутобиқ намудани намои биноҳои истиқоматии баландошёнаи лоиҳавӣ ва сохтмонашон идомадошта, ҳамзамон ба инобатгирии лифтҳои калони борбардор вобаста ба ҳолати воқеии рафти корҳои сохтмонӣ ҷиҳати аз нав мувофиқа намудани Шиносномаи рангубору ороиши намо ва техникии биноҳо, чораҳои заруриро роҳандозӣ намуда истодааст.

Вобаста ба иҷрои супориши мазкур Шуморо зарур мебошад, ки Шиносномаи рангубору ороиши намо ва техникии бинои баландошёнаи истиқоматии лоиҳавӣ ва сохтмонашон идомадоштаро, ки қаблан тасдиқ шуда буд, бо инобати талаботҳои ҷоришуда аз нав таҳия намуда, ба Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе дар муҳлати 1 (як) моҳ барои мувофиқасозӣ пешниҳод намоед.

Сардор С. Азизиён

# МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ САРРАЁСАТИ МЕЪМОРӢ ВА ШАҲРСОЗӢ

# Шиносномаи

## рангубору ороиши намо ва техникии бино

## № АА 000648

тибқи қарори Раиси шаҳри Душанбе аз "08" апрели соли 2020, таҳти №232
Иншоот: «Лоиҳакашии бинои бисёрфункционалии 14 (чордаҳ) ошёна бо ҷойгиронии марказҳои хизматрасонӣ ва дафтарҳои корӣ дар 4 (чор) ошёнаҳои аввал, манзилҳои истиқоматӣ дар ошёнаҳои болоӣ ва таваққуфгоҳи наклиёти автомобилии дусатҳа дар таҳхонаи он дар заминаи бинои 3-ошёнаи хусусӣ воқеъ дар гузаргоҳи 1-уми кучаи М. Турсунзода №3/1 ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе»

Фармоишгар: Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Тропикан Инвест».
Лоиҳакаш: ҶСК "ШАҲРОФАР".



Сармеъмор:______________Усмонзода Қ.

Ҷ.М.

Душанбе - 2020

# Шаклҳои меъмории хурд

| Намуна | Номгӯ | Шакли умумӣ | Миқдор (дона, $м^2$) |
|---|---|---|---|
|  | Нишастгоҳ |  | 6 -адад |
|  | Чароғҳои равшандиҳандаи беруна |  | 10-адад |
|  | Қуттии партов |  | 6-адад |
|  | Тахтасанги хоро (гранит) |  | ниг. ба НГ-5 |
|  | Дарахт ва гулҳои ороишӣ (Каштан, могнолия) |  | 15-адад |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Сармеъмори лоиҳа | | | саҳ. | |
| Иҷро кард | | | | |

# Таҷҳизотҳои техникии бино

| № | Таҷҳизоти насбшаванда | Намуна ва намояндагӣ дар Тоҷикистон | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| 1 | Дарҳои даромад бо "Домофон" | *Ширкатҳои ватанӣ* | |
| 2 | Сигналдиҳаки сӯхтор | *Ширкатҳои ватанӣ* | |
| 3 | Ноқили телевизионӣ | *Ширкатҳои ватанӣ* | |
| 4 | Интернет | *Ширкатҳои ватанӣ* | |
| 5 | Намунаи куттиҳои почтавӣ |  | |
| 9 | Системаи биллингӣ (қувваи барқ) |   | |
| 10 | Системаи биллингӣ (оби нушокӣ ва оби гарм) |   | |
| 11 | Трансформатор 2х1600/10-6 кВ (тибқи шарти техникӣ) |  | |
| 12 | Генератори дизелӣ к/в |  | *Танҳо барои фишорафзои об, лифт ва чароғакҳои долонҳо* |
| 13 | Системаҳои барқии офтобӣ * |  | |

***Эзоҳ:***

** Намояндаги ва хизматрасонӣ дорои сертификати ISO ҳатмист.*

** Интернет (ширкати мобилии ҶТ то назди ҳар як даромади ҳуҷраҳои истиқоматӣ).*

** Тибқи фармоши Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2024 таҳти №40/ф дар бораи истифодабарии системаҳои барқии офтобӣ дар бино ва иншоот иҷро карда шавад.*

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Сармеъмори лоиҳа | | | саҳ. | |
| Иҷро кард | | | | |